Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, пешниҳод карда шудааст.**

Мавриди зикр аст, ки масъалаи баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2024 низ ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Аз ин рӯ, ба назари муқарриз, интихоби мавзуи мазкур барои шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти миллӣ саривақтӣ ва асоснок мебошад.

Аз ин лиҳоз, яке аз арзишҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи илмии Зарифзода Моҳира Зарифро дар он мебинем, ки муаллиф масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро на танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ, балки бо дарназардошти вазъи воқеии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Дар таҳқиқот таҷрибаи кишварҳои пешрафта, таъсири равандҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ, инчунин масъалаҳои рушди бозори меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии кормандон баррасӣ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳодҳои таҳиянамудаи муаллиф метавонанд барои такмили механизмҳои танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва рушди минбаъдаи бозори меҳнати кишвар аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта бошан.

Муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккул ва рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла тағйироти иқтисодӣ, равандҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, вазъи бозори меҳнат ва таъсири таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи муқарриз, муайян намудани чунин омилҳо имконият медиҳад, ки самтҳои асосии такмили механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқтар муайян карда шаванд.

Аз автореферати диссертатсия бар меояд, ки мақсади гузоштошуда ба даст омада, вазифаҳои муайянгардидаи кори диссертатсионӣ ҳалли худро ёфтаанд, автореферат бо забони оммафаҳми илмӣ навишта шуда, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ - амалии муаллиф бо расму ҷадвалҳо ва нишондиҳандаҳои ҳисоб кардашуда асоснок карда шудаанд. Мукаммал ифода ёфтани навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки таркиб ва моҳияти онҳо дар автореферат ба таври кофӣ кушода шудаанд, диққати махсусро сазовор аст.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии қайдгардида, агар муаллиф дар матни асосии автореферат муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалиро бо шакли бештар фишурда ва пайдарпай баён намуда, робитаи байни натиҷаҳои бадастомада ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро равшантар нишон медод, мазмун ва арзиши илмии автореферат боз ҳам беҳтар мегардид. Ҳамчунин, мушаххастар нишон додани саҳми шахсии муаллиф дар ҳалли масъалаҳои таҳқиқшуда метавонист ҷанбаи навгонии илмии корро возеҳтар намояд.

Дар умум, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Натиҷаҳои бадастомада, навгониҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии дар он пешниҳодгардида дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Зарифзода Моҳира Зариф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Содиқов Метархон Соқибекович
Email: metar76@mail.ruТел.: (+992) 93 5084076.
«____»_______________ 2026с.

Имзои Содиқов М. С.. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Сомонаи расмӣ: E-mail: info@tgfeu.tj https:tgfeu.tj
Тел: +992 37 231 0843
«____»_______________ 2026с.